# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна «Тадқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Рушди забони тоҷикӣ бо Истиқлоли давлатӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Ба хотир бояд овард, ки гарчанде дастовардҳо дар соҳаи забоншиносӣ дар даврони Шуравӣ назаррасанд, аммо забони тоҷикӣ дар он даврон мақому манзалаташро, то андозае аз даст дода буд. Забони русӣ таъсирашро хоҳ нохоҳ ба ҳама соҳаҳо бевосита расонида тавонист. Танҳо Истиқлол боис гардид, ки забони тоҷикӣ дар кишвари мо ҳамчун забони давлатӣ амал карда, баъзе калимаву истилоҳоте, ки дар як давраи муайян аз истеъмол баромада буданд, боз аз нав эҳё гарданд.

Таркиби луғавии лаҳҷаҳо ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ниҳоят ғаноманд ва рангин аст. Ин ғаномандӣ дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожаҳо, унсурҳои иқтибосӣ аз забонҳои бегона, воҳидҳои сермаънову зидмаъно, муродифот, муодилҳои мухталифи калимаҳо, таъбироту таркибҳои фразеологӣ, унсурҳои бозмонда аз забони адабиёти классикӣ, қолабҳои калимасозӣ ва васоити махсуси калимасозу калимабанд ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Ин аст, ки бе таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи вожагони ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ, бахусус, лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар алоҳидагӣ ва бе натиҷагирӣ аз ҷузъитарин хусусиёти дохилии онҳо муайян намудани раванди таърихии ташаккулу таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ ва асоси лаҳҷавии он, ки сари ин масъалаи муҳим алҳол аҳли таҳқиқ ба хулосаи мушаххас наомадааст, амалест аз имкон берун.

Муваффақиятҳое, ки вобаста ба инкишофи тамаддуни инсонӣ дар ҷомеа ба зуҳур меоянд, мафҳумҳо ва вожаву истилоҳот, таркибу ибороти нав, ки дар ин ё он бахши ҳаёт пайдо мегарданд, пеш аз ҳама, дар таркиби луғавии забон таҷассум меёбанд. Бинобар он таркиби луғавӣ пайваста дар тараққиёту таҳаввулот ва тағйироту табаддулот қарор дорад. Тағйироту табаддулоти он даставвал дар мунтазам пурра гардидани ҷойҳои холии он аз

ҳисоби унсурҳои иқтибосӣ, қолабҳои калимасозӣ, васоити калимасоз, истилоҳоти нодир ва амсоли инҳо ба амал меояд.

Омӯзиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз лиҳози забоншиносии қавмӣ яке аз мавзуъҳои дар айни замон хеле муҳимму мубрами илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Мубрамии таҳқиқи диссертатсионии мазкур дар он аст, ки дар айни замон дар вазъи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо аксарияти вожаҳое, ки сирф хусусияти миллӣ дошта, тасвири забонии ҷаҳони ворисони забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои мухталифро ифода менамуданд аз байн рафта истодаанд ва ба ҷойи онҳо вожаҳои бегона ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он ворид гашта истодаанд.

Гарчанде таҳқиқи назариявӣ ва забоншиносии қавмии фарҳангии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайян дар солҳои охир аз мадди назари муҳаққиқони тоҷик дур намонда бошад ҳам, омӯзишу пажуҳиши ҷанбаҳои этнолинвисттии он дар асоси гуйишҳои муайян, махсусан гуйишҳои мардумони водии Ҳисор, ки дар он омезиши ду шева-шеваи ҷанубӣ ва шимолӣ ба назар мерасад, аз мадди назари забоншиносони ватанӣ то андозае дур мондааст. Ба рисолаи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна аз ҳамин мавқеъ баҳо бояд дод.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** нишон додани ҷанбаҳои этнолингвистии ин гурӯҳи калимаҳо мебошад, ки вақтҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намудаанд.

Инчунин, дар он аст, ки чаҳонишавӣ ва муҳоҷират сабабҳои асосии аз байн рафтани баъзе аз ҳунарҳои қадимаи мардуми тоҷик ва калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ин ҳунарҳо гашта, таҳқиқи гурӯҳи калимаҳои ба онҳо марбутбуда барои аз нав эҳё гардидани онҳо замина гузошта метавонад.

Дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои хоси вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ муайян намуда, тавассути он барои рушди илмҳои забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, этнолингвистика ва назарияи забон заминаи мусоид фароҳам меояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар он аст, ки бевосита дар дӯконҳои ҳунармандии водии Ҳисор, саҳроҳои кишоварзон ва амсоли он, инчунин дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ҷанбаҳои асосии мавзуъро ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар заминаи омӯзиш бори нахуст таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо мустақилона ба роҳ монда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳоро аз забони адабии тоҷикӣ муайян кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссерататсия аввалин маротиба: таҳлили этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба роҳ монда шудааст; таҳқиқи назариявӣ ва амалии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба риштаи таҳқиқот кашида шудааст; вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор гурӯҳбандӣ карда шудааст; қабатҳои вожагонӣ–маъноии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур муайян карда шуда, мавқеи калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ, унсурҳои лаҳҷавӣ, унсурҳое, ки аз адабиёти ниёгонамон ба мерос мондаанд, инчунин вожаҳои арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ-аврупоӣ, вожагони таърихӣ ва куҳнашуда дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор нишон дода шудаанд.

Дар муқаддима аҳаммияту навоварии таҳқиқ асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд.

Боби аввали рисола «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» унвон дошта, дар ин боб масъалаҳои ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон бо фарҳанг, омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ, назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо, назари муҳаққиқон оид ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор, региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи региолектизмҳо аз диалектизмҳо, региолект ва муносибати он ба лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ва вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисор мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб рисоланавис исбот намудааст, ки региолектҳо тавассути ҷаҳоне, ки сокинони ин минтақаро иҳота намудааст пайдо шудаанд, яъне тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳои ин мавзеъро нишон дода метавонанд. Калимаҳои *алоча* (навъи матои абрешимӣ), *кортан* (алочатан), *корез* (алочарангкун), *корпеч* (алочапечон), *корғоҳ* (дӯкони алочабофӣ) ба як региолекти алоҳида тааллуқ дошта, танҳо хоси мардуми Қаратоғи водии Ҳисор буда, бо касби асосии занҳои ин минтақа, яъне бофандагӣ иртиботи зич доранд. Инчунин, дар ин боб роҷеъ ба муносибати региолект ба гурӯҳи этникии кавол, париён, ҷугиҳо, чистонӣ ва соғутарош нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» номгузорӣ шуда, дар он докторант диққати хешро ба ҳалли масъалаҳои хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, сохтмон, дӯзандагӣ, бофандагӣ, зебу зинат ва ороишоти занон, пазандагӣ ва қаннодӣ ва номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқамандбуда равона сохта, зикр намудааст, ки маҳз Роҳи Бузурги Абрешим, ки бевоста аз ин водӣ мегузашт, боиси рушди навъҳои гуногуни ҳунармандӣ дар ин мавзеъ гашта, барои пайдо шудани вожаву истилоҳоти зиёде замима гузоштааст, ба монанди алочаи деҳнавӣ, алочаи бойсунӣ, тоқии чустӣ, хитойфаранг, хонатлас ва ғайра. Ҳунарҳои мардумӣ дар ин мавзеъ номвожаҳои гузари Қаннодон, Чармгарон, Кулолгарон, Читгарон, Қассобхона, Собунхона мусоидат кардааст.

Боби сеюм «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» унвон дошта, дар он пажуҳиши калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, занбурпарварӣ, калимаву истилоҳоти соҳаи тиб, номи бозиҳо, хусусиятҳои этнолингвистии вожагони соҳаи хешовандӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин боб қайд шудааст, ки аксарияти ин вожаҳо тасвири забонии ин мардумонро нишон дода, аз сабаби гуногунии гӯйишҳо ва лаҳҷаву шеваҳо маънову муҳтавои иддае аз ин вожаҳо танҳо ба намояндагони ин ворисони лаҳҷаҳо ва гурӯҳҳои этникӣ ошно мебошанд.

Дар ин боб докторант бо як истеъдоду маҳорати хосса на танҳо хусусиятҳои этнолингвистии ин гурӯҳи вожаҳоро муайян намудааст, балки хусусиятҳои сотсиолингвистиро низ дар иддае аз ин калимаҳо нишон дода тавонистааст. Пайдо намудани калимаҳои ҷувоншинонӣ, дорбозӣ, дул - дулбозӣ, ҷодубуророн, алову алас, тавбандӣ, сулаймонӣ, лавшаканӣ дар гӯйишҳои ин мардумон далели ин гуфтаҳоянд.

Боби чоруми рисола «Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» номгузорӣ шуда, дар он докторант диққати худро ба масъалаи баромади калимаҳо ва вожагони ғайрифаъол равона сохтааст. Дар ин боб бештар роҷеъ ба калимаҳои иқтибосие, ки дар дохили вожагони лаҳҷаҳои ин водӣ ҳазм шудаанд, сухан рафта, баромади иддае аз онҳоро нишон дода тавонистааст.

Ба рисоланавис муяссар гардидааст, ки оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз рӯйи маводи лаҳҷаҳои водии Ҳисор таҳлили ҳаматарафа гузаронад. Бо истифода аз 351 номгӯйи адабиёт, инчунин, фарҳангҳои этимологӣ, тафсирӣ ва тарҷумавӣ сарнавишт, майдони маъноӣ ва баъзе хусусиятҳои ин гурӯҳи калимаҳоро аниқ намуда, мавридҳои истифодаи онҳоро ошкор сохта ва бо ин васила тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон дода тавонистааст. Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён» ва «Забони миллат - ҳастии миллат» заминаи методологии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 28 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳои асосӣ ва дурнамои омӯзиши ҷанбаҳои этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз рӯйи маводи лаҳҷаҳои водии Ҳисор нишон дода шудаанд.

Диссертант тавонистааст вобаста ба мавзуъ 33 мақола, аз ҷумла, 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва 8 мақола дар коференсияҳо, аз ҷумла

конференсияҳои байналмилалии берун аз кишвар ба нашр расондааст, ки ин нишондод аз сермаҳсулии докторант дарак медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» кори таҳқиқии баанҷомрасида ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия дода мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
узви вобастаи АМИТ,
мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва
истилоҳоти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Назарзода С.
«27» октябри соли 2023.

**Нишонӣ:** 734013, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи
Мирзо Турсунзода, 118.
Тел.: (+992) 985-62-44-44.
E-mail: snazarzoda56@mail.ru

Имзои Сайфиддин Назарзодаро
тасдиқ мекунам:
нозири калони кадри Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзикулова Ҳ.
«27» октябри соли 2023.

**Нишонӣ:** 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 21. Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Тел.: +987455855
E-mail: tagay75@mail.ru